**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлаталии Абдусаломзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳо (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) пешниҳод шудааст.**

Дар шароити гузариши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самти рушди устувори саноатӣ ва татбиқи ҳадафи миллии саноатикунонии босуръат, масъалаи ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳои саноатӣ аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Солҳои рушди саноат» эълон намудани солҳои 2022-2026» ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ зарурати ҷорӣ намудани усулҳои муосири маркетингиро барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ тақозо мекунанд. Вилояти Хатлон ҳамчун яке аз минтақаҳои асосии саноатии кишвар барои чунин таҳқиқот пойгоҳи муносиб ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, мавзуи интихобкардаи муаллиф мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Давлаталии Абдусаломзода дар таҳлили ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳои саноатӣ дар сатҳи минтақавӣ ифода меёбад. Аз муҳтавои автореферат дида мешавад, ки муаллиф тафсири нави мафҳуми маркетингро ҳамчун «қобилияти пайваст кардани хоҳишҳои одамон бо пешниҳодоти тиҷоратии корхона, табдил додани таваҷҷуҳи истеъмолкунандагон ба эътимод ва эътимод ба арзишҳои устувор» (саҳ. 11) пешниҳод намудааст. Ин тафсир на танҳо ҷанбаҳои

иқтисодӣ, балки ҷанбаҳои иҷтимоию равонии маркетинги муосирро низ дар бар мегирад.

Таҳияи амсилаи стратегияи маркетингии ҳамгиро барои корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон (саҳ. 29) натиҷаи назарраси таҳқиқот мебошад. Дар автореферат инчунин барои дарки беҳтари таъсири ҷаҳонишавӣ, рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва таҳкими муҳити рақобат ба маркетинги корхонаҳои саноатӣ ҷадвалҳо ва расмҳои таҳлилӣ пешниҳод шудаанд, аз ҷумла таснифоти усулҳои муосири таҳқиқоти маркетингӣ (саҳ. 20) ва мисолҳои истифодаи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 21).

Дар автореферати диссертатсия зарурати рушди маркетинги корхонаҳои саноатӣ дар асоси технологияҳои рақамӣ асоснок карда шуда (саҳ. 28-29), инчунин тадбирҳои амалӣ оид ба ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ (саҳ. 26) ва стратегияи қадам ба қадами маркетинги рақамӣ барои корхонаҳои дорои захираҳои маҳдуд (саҳ. 32-33) пешниҳод карда шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Давлаталии Абдусаломзода аҳамияти калони илмӣ доранд, зеро онҳо ба инкишофи назарияи маркетинг ва асосҳои ташкилию иқтисодии он дар шароити саноати минтақавӣ мусоидат мекунанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар имкони татбиқи тавсияҳои таҳияшуда ҳангоми такмили фаъолияти маркетингии корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ифода меёбад. Аҳамияти иқтисодии кор дар он ифода меёбад, ки татбиқи тадбирҳои пешниҳодшуда самаранокии фаъолияти маркетингиро баланд мебардорад. Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот бо ташкили ҷойҳои нави корӣ дар соҳаи маркетинг, баланд бардоштани сатҳи дониши мутахассисон ва беҳтар намудани сифати қонеъгардонии талаботи истеъмолкунандагон марбут аст.

Сарфи назар аз арзиши баланди илмӣ ва амалии таҳқиқот, дар кор баъзе нуктаҳое мавҷуданд, ки тавзеҳотро талаб мекунанд:

1. Дар автореферат ба баҳодиҳии миқдории самаранокии тадбирҳои пешниҳодшуда оид ба такмили фаъолияти маркетингии корхонаҳо диққати

кофӣ дода нашудааст. Пешниҳод кардани нишондиҳандаҳои дақиқи иқтисодӣ, аз қабили афзоиши ҳаҷми фурӯш, камшавии хароҷот ё афзоиши ҳиссаи бозор, метавонист самаранокии амалии тавсияҳоро равшантар нишон диҳад.

2. Тавсияҳои пешниҳодшуда оид ба рақамикунонии маркетинг (саҳ. 32-33) хосияти умумӣ доранд, ки таваҷҷуҳи амалии онҳоро то андозае коҳиш медиҳад. Мушаххас намудани он ки маҳз кадом платформаҳо ва нармафзор барои корхонаҳои гуногуни саноатӣ (хӯрокворӣ, сабук, кимиё) бештар мувофиқанд, метавонист ба беҳбуди кори амалӣ мусоидат намояд.

Ин эродҳо хосияти ҷузъӣ доранд ва баҳои умумии мусбати корро паст намекунанд.

Автореферати диссертатсия муҳтавои таҳқиқотро пурра инъикос намуда, бо дараҷаи баланди мубрамӣ, навгонии илмӣ ва аҳамияти амалӣ фарқ мекунад. Натиҷаҳои бадастомада барои рушди маркетинг дар бахши саноати минтақавӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар аҳамияти калон доранд.

Хулоса, диссертатсия дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳо (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)» ба талаботи дахлдори «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ буда, худи муаллиф – Давлаталии Абдусаломзода барои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) сазовор мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои иқтисодӣ,
мудири кафедраи маркетинг
ва агробизнеси ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Ғуломов Х.Ҳ.

**Имзои Ғуломов Х. – ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

“19” 03 2026 с.